*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волояти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №136 (4876) | ДУШАНБЕ, 11 НОЯБРИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад





## ИФТИТОҲИ ИНШООТИ ҶАШНӢ ВА МУЛОҚОТ БО ФАЪОЛОНИ ХАТЛОН

**8-уми ноябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар идомаи сафари корӣ ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дар деҳаи Сариroҳи шаҳраки Балхӣ бинои нави мактаби санъати ноҳияи Ҷалолиддини Балхиро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Иттилоъ дода шуд, ки мактаби санъати ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ бо мақсади тарбия ва омодасозии ҷавонони соҳибистеъдод дар соҳаи фарҳангу санъат дар муҳлати кӯтоҳ сохта шуда, дорои шароити муосири таълимӣ мебошад. Дар мактаби санъати ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ хоҳишмандон аз синни 10-сола боло ҷалб карда мешаванд.

Дар бинои навсохт хонандагон дар шуъбаҳои хореографӣ, санъати тасвирӣ, сарояндагӣ ва навозандагӣ ба таҳсил фаро гирифта шуда, пас аз хатм соҳиби шаҳодатнома мегарданд.

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аснои шиносоӣ бо шароити корӣ ва раванди таҳсил дар ин муассисаи навбунёд ба масъалаи тарбияи дуруст ва соҳибкасб гардонидани ҷавонон таваҷҷуҳ намуда, хонандагонро барои аз худ кардани нозукиҳои асбоби мусиқӣ ва санъати навозандагию овозхонӣ ҳидоят намуданд.

Мактаби санъат ягона иншооти замонавии соҳавӣ дар ҳудуди ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ мебошад, ки дар асоси ҳадафҳои созандаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ бунёд гардида, барои омодасозии ҷавонони соҳибзавқ дар соҳаи санъат пешбинӣ шудааст.

Омӯзгорони дорои таҳсилоти олӣ ба хонандагон навохтани асбобҳои торӣ, нафасӣ ва зарбиро меомӯзонанд. Донишомӯзони ин муассиса баъди панҷ соли хатми ин даргоҳ метавонанд вобаста ба касби интихобкардаашон таҳсилро дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ идома диҳанд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**



## БАРҚИЯИ ТАСАЛЛИЯТ

**10-уми ноябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар иртибот ба фавтидан ва ҷароҳат бардоштани шумораи зиёди шаҳрвандони Ҷумҳурии Исломии Покистон, аз ҷумла занону кӯдакон, бар асари ҳамлаи террористи интиҳорӣ дар шаҳри Кветтаи он кишвар ба Президент ва Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон муҳтарам Осиф Алӣ Зардорӣ ва муҳтарам Шаҳбоз Шариф барқияи тасаллият ирсол намуданд, ки дар он аз ҷумла омадааст:**

«Мо ин амалкарди ваҳшиёнаи неруҳои ҷиноятпешаро қотеъона маҳкум карда, зарурати бетаъхири тақвияти муборизаи сарҷамъонаи беамонро алайҳи ҳама гуна зуҳуроти терроризм ва ифтротгароӣ муҷаддадан таъкид менамоем. Ҳамдардиву тасаллияти амиқи инҷонибро ба Шумо, аҳли наздикони қурбониёни ин амали террористӣ ва мардуми дӯсти Покистон изҳор намуда, ба ҳамаи осебдидагон шифои комил мехоҳем».

**www.prezident.tj**

## ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР АРАБИСТОНИ САУДӢ

**10-уми ноябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати иштирок дар Саммити муштараки изтирории арабию исломӣ ба Подшоҳии Арабистони Саудӣ сафар карданд.**



Дар Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини якуми Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шахсони расмӣ гусел намуданд.

Дар ин сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро вазири корҳои хориҷӣ, ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои робитаҳои хориҷӣ, раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва дигар шахсони расмӣ ҳамроҳӣ карданд.

**10-уми ноябри соли ҷорӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои иштирок дар Саммити муштараки изтирории арабию исломӣ вориди шаҳри Риёзи Подшоҳии Арабистони Саудӣ шуданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Шоҳ Холид меҳмони олиқадр, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро Муовини Амири минтақаи Риёз шоҳзода Муҳаммад ибни Абдурраҳмон оли Сауд ва намояндагони воломақоми Подшоҳии Арабистони Саудӣ самимона пазироӣ карданд.

**10-уми ноябри соли равон дар шаҳри Риёз Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳошияи Саммити муштараки изтирории арабию исломӣ бо вазири сармоягузории Арабистони Саудӣ Холид Ал-Фолиҳ мулоқот намуданд.**



Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки рушду тавсеаи робитаҳо дар соҳаи тиҷорату иқтисод яке аз самтҳои асосии ҳамкорӣ мебошад.

Ҷонибҳо масъалаҳои густариши ҳамкориҳои сармоягузорӣ, техникӣ ва фарҳангиро муҳокима намуданд.

Баргузории мунтазами нишастҳои Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Арабистони Саудӣ ва анҷуманҳои соҳибкорӣ, намоишгоҳҳои маҳсулот ва таъсиси Фонди муштараки Тоҷикистону Арабистони Саудӣ оид ба маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ бар суди кор номида шуд.

Гуфта шуд, ки миёни ҳар ду кишвар оид ба татбиқи лоиҳаҳои муштараки сармоягузорӣ дар самтҳои саноати сабук, хӯроквορӣ, металлургӣ, дорусозӣ, инчунин, энергетика ва кишоварзӣ имкониятҳои зиёд мавҷуд аст. Бунёди марказҳои логистикии муосир, корхонаҳои муштараки саноатӣ амри зарурӣ дониста шуд.

Роҳандозии хатсайри мустақим дар масири Душанбе - Ҷидда - Душанбе аз моҳи марти соли 2023 натиҷаи хуб барои густариши робитаҳои судбахш арзёбӣ гардид. Изҳори умед карда шуд, ки хатсайри мустақим дар масири Душанбе - Риёз - Душанбе низ роҳандозӣ шуда, дар ин замина сафари сайёҳони саудӣ ба Тоҷикистон афзоиш хоҳад ёфт.

**www.prezident.tj**

## ПАЁМИ ШОДБОШИИ

### Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба муносибати Рӯзи кормандони милитсия

**9 ноябри соли 2024, шаҳри Душанбе**



**Муҳтарам кормандон ва хизматчиёни мақомоти корҳои дохилӣ!**

Иди касбии мақомоти милитсияро ба шумо табрик гуфта, дар иҷрои вазифаи пурмасъул ва адои рисолати бошарафатон бурдбориҳоро таманно менамоям.

Дар таърихи давлатдории тоҷикон нақши мақомоти корҳои дохилӣ дар таъмини сулҳу субот ва оромиву тартиботи ҷамъиятӣ, ки рушди кишвар ва ҳаёти осоиштаи ҷомеа аз онҳо вобастагии амиқ дорад, басо муҳим аст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати мамлакат тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ ба масъалаи ташаккули мақомоти корҳои дохилӣ, баланд бардоштани нуфузу эътибор ва таҳким бахшидани пояҳои моддиву техникии он таваҷҷуҳи доимӣ зоҳир менамоянд.

Маврид ба зикр аст, ки новобаста аз мушкилоту монеаҳои зиёд мақомоти милитсияи тоҷик дар оғози давраи соҳибистиқлолии кишвар якҷо бо дигар мақомоту сохторҳои низомӣ дар ҷодаи барқарор кардани сохти конститутсионии давлат, тартиботи ҳуқуқӣ ва волояти қонун хизматҳои шоиста намудаанд.

Боиси ифтихор аст, ки имрӯз ҳар як корманди мақомоти милитсияи тоҷик ҳамчун ҳомии боэътимоди халқу Ватан бо хизмати содиқона ва эҳсоси баланди ватандӯстиву меҳанпарастии хеш барои ҳифзи манфиати давлату миллат ва ҳимояи дастовардҳои истиқлоли давлатӣ саҳми арзанда мегузоранд.

Бовар дорам, ки дар чунин вазъияти пуртазоди ҷаҳони имрӯза кормандони мақомоти корҳои дохилӣ бо ҳисси баланди ватандӯстӣ баҳри ҳифзи манфиатҳои миллату давлатамон беш аз ҳарвақта тамоми донишу малака ва таҷрибаву неруи хешро равона месозанд.

Бори дигар ҳамаи шуморо бо Рӯзи кормандони милитсия шодбош гуфта, бароятон саломатии бардавом, зиндагии осоишта ва ба Ватани азизамон рушду ояндаи дурахшонро орзумандам.

**Рӯзи милитсияи тоҷик муборак, ҳамватанони азиз!**



## ҶАЛАСАИ ШУРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН

**Ёздаҳуми ноябри соли 2024 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар он масъала «Дар хусуси Созишномаи қарзӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хазинаи ОПЕК оид ба рушди байналмилалӣ вобаста ба татбиқи лоиҳаи НБО «Роғун» (Лоти 4)» мавриди баррасӣ қарор гирифта, ба ҷаласаи навбатии Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум пешниҳод гардид.

Масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон пешниҳод карда шуд.

Шурои Маҷлиси намояндагон, ҳамчунин, «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» қарор қабул кард.

**«Садои мардум»**

# ИФТИТОҲИ ИНШООТИ ҶАШНӢ ВА МУЛОҚОТ БО ФАЪОЛОНИ ХАТЛОН



(Идома аз саҳ. 1)

**8-уми ноябри соли равон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои шуъбаи таваллуди беморхонаи марказии ноҳияи Ҷалолиддини Балхиро мавриди истифода қарор доданд.**

Шуъбаи таваллуди беморхонаи марказӣ аз ду ошёна иборат буда, бо тарҳи зебову замонавӣ бунёд шудааст ва дар маҷмӯъ, дорои 60 кат мебошад.

Дар ин шуъба 136 нафар, аз ҷумла акушер-гинеколог, табиби навзодон, эҳёгар, амрози занона, момодоя, ҳамшираи тиббӣ ва кормандони хурди тиббӣ, фаъолият мекунанд.

Баробари мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани бинои нави шуъбаи таваллуд, ки бо дастгоҳу таҷҳизоти муосир ҷиҳозонида шудааст, дигар шуъбаҳои беморхонаи марказӣ низ бо дастгириҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгоҳҳои муосири ташхису табобат таъмин карда шуданд.

Пешвои миллат зимни суҳбат бо табибону кормандони шуъбаи мазкур баён доштанд, ки барои боз ҳам беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасонии тиббӣ ва дастрасии аҳолӣ ба он бунёди муассисаҳои нав, навсозии муассисаҳои мавҷуда ва бо таҷҳизоти муосир муҷаҳҳаз гардонидани онҳо мусоидат мекунад.

Акнун сокинони ноҳия имкон пайдо кардаанд, ки бо истифода аз имкониятҳои муҳайёгардида, бе харҷи зиёдатӣ ба ташхису табобати босифат фаро гирифта шаванд. Бо назардошти зарурати солимии ҷомеа ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ инфрасохтори муассисаҳои тиббӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар ноҳия




мунтазам тавсеа ва таҳким бахшида мешавад.

Бо истифода аз имкониятҳои мавҷуда табибон метавонанд на танҳо ба ниёзмандони маркази ноҳия ва деҳоти он, балки аз деҳаҳои наздики ноҳияҳои атроф низ беморонро бо хизматрасонии хуби тиббӣ фаро гиранд.

Сокинон ва табибони ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ бунёди чунин иншооти хуштарҳу замонавиро, ки дар доираи тадбирҳои ободонӣ ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ бунёд шудааст, туҳфаи арзанда арзёбӣ намуданд.

Намои шуъбаи таваллуди беморхонаи марказии ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ ба маркази ноҳия зебогӣ бахшида, саҳни иншооти нав бо гулҳои рангоранг сабзкорӣ шудааст.

Корҳои ободонию созандагӣ, махсусан дар самти беҳсозии вазъи хизматароснии тиббӣ, дар ноҳия боис мегардад, ки сатҳу сифати хизматрасонӣ беҳтар гардида, ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ низ мусоидат намояд.

**8-уми ноябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маркази ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ бинои иловагии муассисаи давлатии таҳсилоти томактабии № 6-ро мавриди истифода қарор доданд.**

Иттилоъ дода шуд, ки бинои нави таҳсилоти томактабӣ аз ду ошёна иборат буда, дар он барои ба таълиму тарбия фаро гирифтани насли наврас тамоми шароит фароҳам оварда шудааст.



Кӯдакистони нав дар шаҳраки Балхӣ дар доираи тадбирҳои ободонию созандагӣ ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия дар муҳлати 1 сол бунёд ёфта, барои 180 кӯдак пешбинӣ шудааст.

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо шароити бинои навсохти соҳаи маориф ба сифати корҳои анҷомёфта баҳои баланд дода, парасторонро барои дар руҳияи хештаншиносӣ тарбия намудани насли наврас ва истифодаи самараноки имкониятҳои мавҷуда ҳидоят намуданд.

Дар ин муассисаи томактабӣ 6 гурӯҳи таълимӣ амал намуда, раванди таҳсил бо ду забон - тоҷикӣ ва русӣ сурат мегирад.

Толори мусиқӣ, ошхона, ҳуҷраи хоб, синфхонаҳои барҳавои таълимӣ, дар маҷмӯъ, ҳамаи ин имконият фароҳам месозад, ки насли хуштолеи кишвар дар шароити хуб таҳсил намоянд ва оянда барои пешрафти диёри худ саҳми арзанда гузоранд.

Бунёди иншооти замонавӣ ва таъмини шароити арзандаи таълим аз ҳадафҳои меҳварӣ маҳсуб ёфта, дар ин самт бо таваҷҷуҳ ва дастгириҳои Ҳукумати кишвар тадбирҳои зарурӣ амалӣ карда мешаванд.

Ҳамчунин, иттилоъ дода шуд, ки ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар шафати кӯдакистон бинои нави иловагӣ барои 180 кӯдак бунёд карда мешавад.

Тибқи маълумоти масъулон ҳоло дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ 17 кӯдакистон фаъолият менамояд.

**8-уми ноябри соли ҷорӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари корӣ ба вилояти Хатлон дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ аз кооперативи тиҷоратии «Турахон Исанқулов» боздид намуданд.**

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамон ҷо ба кишти ғалла оғоз бахшиданд.

Дар кишти тирамоҳӣ дар заминҳои хоҷагӣ тухмии гандуми хушсифати «Аср» кишт гардид.

Иттилоъ дода шуд, ки кооперативи ба номи «Турахон Исанқулов» дар ихтиёри худ 375 гектар заминҳои корами кишоварзӣ дорад. Аз ин дар масоҳати 97 гектар замин ғалладонагиҳо, аз қабили гандум, ҷав, шолӣ ва макка барои дон, кишт карда мешавад.

Пас аз оғоз бахшидан ба кишти зироат Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар намоишгоҳ бо молу маҳсулоти кишоварзӣ, ки аз заминҳои кооперативи тиҷоратии «Турахон Исанқулов» ҷамъоварӣ гардидааст, шинос шуданд.

Хоҷагидорон асосан ба парвариши пахта, картошка, сабзӣ, пиёз ва полезӣ машғул мебошанд. Ҳосили фаровони ба маъраз гузошташуда аз таҷрибаи ғании деҳқонони хоҷагӣ дарак медиҳад.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хоҷагидорон барои истифодаи самараноки ҳар як порча замини кишт, истеҳсоли фаровони хӯроквории ва таъмини бозорҳои истеъмолӣ бо маҳсулоти худӣ дастуру ҳидоятҳо доданд.

**9-уми ноябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар идомаи сафари корӣ ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ба ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ ташриф оварда, нахуст бинои 5-ошёнаи истиқоматӣ барои хизматчиёни давлатиро мавриди истифода қарор доданд.**



Бинои истиқоматӣ дорои 25 хона, аз ҷумла 20-то ду ва 5-то якҳуҷрагӣ мебошад. Мутобиқи лоиҳа дар ҳар як ошёна ҷойи муайяни либосхушккунӣ мавҷуд аст.

Ба Пешвои миллат иттилоъ дода шуд, ки бинои зебову замонавӣ дар масоҳати 30 садяк замин қомат афрохта, дар хонаҳои фароху барҳавои он барои зисти хизматчиёни давлатӣ ва оилаашон шароити хуб фароҳам оварда шудааст.

Хонаҳои истиқоматӣ ба хизматчиёни давлатӣ ва кормандони идораву ташкилоти давлатӣ дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ дода шуд.

Бинои хуштарҳ дар маркази ноҳия ҷойгир буда, дар муҳлати муайян бо сифати баланд сохта шуд. Хонаҳои истиқоматӣ бо ҷиҳози рӯзгор пурра таъмин гардидааст.

Лозим ба таъкид аст, ки дар замони соҳибистиқлолӣ бо татбиқи сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таваҷҷуҳи махсуси Сарвари давлат нисбат ба хизматчиёни давлатӣ дар аксар шаҳру ноҳияҳои кишвар чунин биноҳои истиқоматии хизматӣ сохта, мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шудаанд, ки дар натиҷа чандин оилаҳо соҳиби хонаҳои нави истиқоматӣ гардиданд.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо шароити зисту зиндагонӣ дар ҳуҷраҳои истиқоматии навбунёд ба сифати корҳои сохтмонӣ баҳои баланд дода, ба роҳбарони вазорату идора ва муассисаҳое, ки кормандонашон соҳиби хонаҳои нави истиқоматӣ гардиданд, барои фаъолияти содиқона ба нафъи давлату миллат ва саҳм гузоштан дар рушду пешрафти Тоҷикистони соҳибистиқлол дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Ин бинои хуштарҳу зебои истиқоматӣ туҳфаи арзишманди Ҳукумати кишвар дар доираи таҷлили 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хизматчиёни давлатии ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ номида шуд.

Пешвои миллат ба роҳбарияти вилоят ва масъулини сохторҳои марбутаи сохтмонӣ дастур доданд, ки дар маркази ҳамаи шаҳру ноҳияҳо биноҳои баландошёнаи истиқоматӣ бисозанд, то ки тақсими зиёди замин барои манзилҳои зист кам шавад.

**9-уми ноябри соли 2024 бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои нави нозироти андоз дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ ба фаъолият оғоз намуд.**

Иншоот, ки аз 2 ошёна ва таҳхона иборат аст, барои фароҳам овардани шароити арзанда ба кормандони нозироти андоз дар масоҳати умумии 1 ҳазору 230 метри мураббаъ сохта шудааст.

Бинои нав дорои 14 ҳуҷраи корӣ, 3 ҳуҷраи техникӣ ва як толори маҷлис бо 65 ҷои нишаст мебошад. Дар бино терминали хизматрасонӣ, шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеӣ, бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, гурӯҳи ташкил ва назорати иҷрои ӯҳдадориҳои андозии соҳибкорони инфиродӣ ҷой дода шудааст. Ҳамчунин, дар он ҷо барои татбиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» нуқтаи махсус ташкил шудааст.

Ошёнаи дуюм дорои ҳуҷраҳои гурӯҳи ташкил ва назорати иҷрои ӯҳдадориҳои андозии шахсони ҳуқуқӣ, бахши ситонидани қарзи андозҳо ва 3 ҳуҷраи дигари корӣ мебошад.

Бинои нозироти андози ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ дар доираи нақшаи чорабиниҳо бахшида ба Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ бо дастгирии Ҳукумати кишвар аз тарафи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муҳлати муайян сохта шудааст.

Ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маълумот дода шуд, ки дар бинои нави нозироти андози ноҳия барои фаъолияти 25 нафар корманд шароити зарурии корӣ фароҳам оварда шуд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо шароити корӣ дар бинои тозабунёд таваҷҷуҳи масъулони соҳаро ба боз ҳам баланд бардоштани хизматрасонӣ ба андозсупорандагони ноҳия, ки шумораашон 57 ҳазор аст, ҷалб намуда, таъкид намуданд, ки бо мардум ҳамкорӣ ва муомилаи хуб дошта бошанд.

**9-уми ноябри соли ҷорӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз боғи фарҳангӣ-фароғатии Абдураҳмони Ҷомӣ, ки таъмиру навсозӣ гардидааст, боздид ба амал оварда, ба фаъолияти он оғоз бахшиданд.**

Иқдоми навсозии ин боғи фарҳангӣ-фароғатӣ дар асоси дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯйи даст гирифта шуда, натиҷаи татбиқи сиёсати фарҳангпарваронаи Сарвари давлат мебошад.




Дар маркази боғи мазкур муҷассамаи шоир ва мутафаккири тоҷик Абдураҳмони Ҷомӣ гузошта шудааст. Дар ҳамон ҷо Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯйи муҷассама пардабардорӣ намуданд.

Пайкараи ин олим ва орифи



барҷастаи Машриқзамин, ки аз масолеҳи хушсифат ва бо унсурҳои меъмории миллӣ сохта шудааст, дар даромадгоҳи боғи фарҳангӣ-фароғатии ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ қомат афрохтааст.

Иттилоъ дода шуд, ки муҷассама дар доираи нақша-чорабиниҳои Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд шуда, баландиаш якҷо бо таҳпояи он 8 метрро ташкил медиҳад.

Лозим ба зикр аст, ки дар доираи сиёсати фарҳангпарваронаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Тоҷикистон ба чеҳраҳои илму адаби миллати тоҷик арҷ гузошта мешавад. Аз ҷумла, бо иқдоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба қадршиносии нобиғагони адабу таърихи ниёгонамон соли 2014 «Соли бузургдошти Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ» эълон шуда, баргузории ҷашни 600-солагии Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ бо қарори дахлдори ЮНЕСКО эълон шуда буд. Дар доираи ин иқдом соли 2014 дар Тоҷикистон ва берун аз он бахшида ба ҳаёт ва фаъолияти Мавлоно Ҷомӣ чорабиниҳои гуногуни илмӣ-фарҳангӣ доир гардиданд.

Мутафаккири шинохтаи тоҷик Абдураҳмони Ҷомӣ дар муҳити адабӣ, ҳунарӣ, фарҳангӣ ва илмиву иҷтимоии Ҳирот - яке аз марказҳои қадимӣ ва номдори мардуми ориёитабор зиндагӣ ва эҷод кардааст. Маъруфияти Мавлоно Ҷомӣ ба фаъолияти илмиву адабии бағоят густурдаи ӯ дар соҳаҳои мухталифи илм, аз ҷумла забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, мусиқӣ, ирфон, шарҳнависӣ ва жанрҳои шеърии қасидаву маснавӣ, ғазалу рубоӣ ва монанди инҳо, алоқаманд мебошад.

Ҳамзамон, дар доираи татбиқи лоиҳаи «Рушди иқтисодиёти деҳот» аз ҷониби пудратчии ҶДММ «Садриддин - С» дарвозаи боғи фарҳангӣ-фароғатии ноҳия таъмиру навсозӣ шудааст.

Соҳибкорони маҳаллӣ низ дар навсозии ин боғ саҳмгузор мебошанд. Аз ҷониби шахсони саховатпешаи ноҳия дар дохили он фавворaҳо ва арғунчакҳо барои бозиву хушҳолии кӯдакону наврасон насб гардидааст.

Дар атрофи муҷассама гулҳои мавсимӣ ва дарахтони ороишӣ шинонида шуда, дар масоҳати 1800 метри мураббаъ роҳравҳо сафолакпӯш ва заминҳои ҳудуди боғ сабзкорӣ шудааст. Боғ, ҳамчунин, ба таври муосир чароғон карда шудааст. Инчунин, дар доираи корҳои ободониву созандагӣ дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ ва бо мақсади рушди ҳунарҳои мардумӣ дар даромадгоҳи боғ 3 нуқтаи фурӯш барои маҳсулоти ҳунармандӣ, китоб ва гулҳои зинда мавҷуд аст.

Баъд аз пардабардорӣ аз рӯйи муҷассамаи Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ва ошноӣ бо натиҷаҳои таъмиру навсозии боғи фарҳангӣ-фароғатии ноҳия Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон талошҳои сокинони ноҳияро баҳри анҷоми корҳои ободонӣ шоистаи таҳсин хонда, онҳоро ба саҳмгузории бештар дар ин самт ҳидоят намуданд. Ба таъкиди Сарвари давлат рушду шукуфоии Ватан аз ободии маҳали зисти ҳар яки мо оғоз меёбад.

**9-уми ноябри соли равон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо лоиҳаи ангоравии иншооти варзишгоҳи марказии ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ, ки бо 10 ҳазор ҷойи нишаст пешбинӣ шудааст, шинос шуданд.**

Зимни муаррифии лоиҳа ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки иншооти варзишӣ дар масоҳати наздики 21 ҳазор метри мураббаъ сохта шуда, ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ хоҳад буд.

Варзишгоҳи марказии ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ аз тарафи Муассисаи давлатии «Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд хоҳад шуд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъулинро ба анҷоми босифати корҳои сохтмонӣ ҳидоят намуда, таъкид доштанд, ки беҳтар шудани шароит ба рушди соҳаи варзиш ва афзудани дастовардҳои варзишгарони кишвар мусоидат хоҳад кард. Аз ин рӯ, анҷоми босифати корҳо дар иншооти ҷашнӣ ба манфиати кор хоҳад буд.

Лоиҳаи дигаре, ки дар он ҷо муаррифӣ шуд, лоиҳаи такмили системаи обтаъминкунӣ дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомии вилояти Хатлон мебошад. Лоиҳаи мазкур бо кумаки грантии Ҷопон татбиқ шуда, барои беҳбуди вазъи беҳдошти ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ тавассути дастрасии бештар аз 50 ҳазор нафар ба об амалӣ мешавад.

Барои татбиқи ин лоиҳа ҳукумати Ҷопон тавассути JICA тақрибан 14 миллион доллари ИМА кумаки бебозгашт ҷудо кардааст. Лоиҳа дар ҳамкории зич бо КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шудааст.

Дар доираи лоиҳа шаҳраки Ҷомӣ ва 7 деҳаи ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ бо об таъмин карда мешаванд.

**9-уми ноябри соли 2024 дар идомаи сафари корӣ ба ноҳияи Абдураҳмони Ҷомии вилояти Хатлон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои қасри фарҳангро мавриди истифода қарор доданд.**

Иншооти нави соҳаи фарҳанг аз ду ошёна ибора аст. Он дар маркази ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ бо усули муосири меъморӣ қомат афрохта, ба ҳусни ноҳия зебоии хоса зам мекунад.

Бинои қасри фарҳанг аз ҷумлаи иншооти ҷашнӣ дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Он бо харҷи 18,5 миллион сомонӣ бунёд ёфтааст.

Зимни шиносоӣ бо бинои қасри фарҳанг ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки иншоот дар масоҳати 1 ҳазору 318 метри мураббаъ бунёд шудааст ва он аз толори бошукӯҳ бо 500 ҷойи нишаст, ҳуҷраҳои корӣ, ҳуҷраҳо барои ҳунармандон, либосхона, ҷойи чиптафурӯшӣ, анбори декоратсияҳо ва ғайра иборат мебошад.

Ифтитоҳи қасри фарҳанг боиси хушҳолии аҳли санъату ҳунари ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ гардид, зеро акнун онҳо дар шароити замонавӣ кору фаъолиятро идома дода, метавонанд дар рушди бахшҳои алоҳидаи фарҳанги ҷумҳурӣ саҳмгузор бошанд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баъд аз шиносоӣ бо шароити фароҳамшуда дар иншооти навбунёд аҳли фарҳангу санъати ноҳияро ба фаъолияти хубу пурсамар ҳидоят карданд. Ба таъкиди Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳифзи арзишҳои фарҳангӣ ва санъату ҳунари миллӣ дар замони бархӯрди тамаддунҳо хеле муҳим аст, зеро ҳастии миллату давлат ба рушди фарҳанг вобастагии калон дорад.

Дар атрофи қасри фарҳанги ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ барои сабзкорӣ дарахтони сояафкан ва гулу буттаҳои ороишӣ шинонида шудааст.

Ба иттилои масъулин дар ноҳия ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ бунёду таъмири 203 иншоот ба нақша гирифта шудааст. Аз ин шумора то имрӯз 118-тои он мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифта, кор дар иншооти боқимонда идома дорад.

(Давомаш дар саҳ. 3)

# ИФТИТОҲИ ИНШООТИ ҶАШНӢ ВА МУЛОҚОТ БО ФАЪОЛОНИ ХАТЛОН

(Идома аз саҳ. 2)

**9-уми ноябри соли ҷорӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ бо роҳбарон ва фаъолони вилояти Хатлон мулоқот намуданд.**

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сафари корӣ дар шаҳру ноҳияҳои Ёвон, Левакант, Бохтар, Ҷалолиддини Балхӣ, Кӯшониён ва Абдураҳмони Ҷомиро натиҷагирӣ намуда, барои татбиқи ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иҷрои дастуру супоришҳо барои солҳои 2021 - 2025 роҳбарияти вилоят ва шаҳру ноҳияҳои онро вазифадор намуданд, ки камбудиву норасоиҳои мавҷударо бартараф карда, якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор, инчунин, дар ҳамкорӣ бо сармоягузорони ватаниву хориҷӣ иҷрои пурра ва саривақтии онҳоро таъмин намоянд.

Тавре таъкид гардид, дар вилояти Хатлон дар даврони соҳибистиқлолӣ 83 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 12 миллиард сомонӣ амалӣ гардида, ҳоло корҳо дар доираи боз 46 лоиҳа бо арзиши умумии 12,8 миллиард сомонӣ идома доранд.

Лоиҳаҳои зикршуда ба ҳалли масъалаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии вилоят, аз ҷумла дар соҳаҳои маорифу тандурустӣ, саноату энергетика, кишоварзӣ, хоҷагии манзилию коммуналӣ, нақлиёт, сайёҳӣ ва пешгирии ҳодисаҳои фавқулода, равона шудааст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ барои амалӣ намудани ҳадафу нақшаҳои созанда ба вилоят аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои буҷети давлатӣ беш аз 3,4 миллиард сомонӣ сарф шудааст.

Роҳбарони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он аз Сарвари давлат супориш гирифтанд, ки фаъолияти худро дар самти ҷалби сармояи мустақими ватаниву хориҷӣ вусъат бахшанд.

Дар 9 моҳи соли 2024 дар вилояти Хатлон иҷрои нақшаи ҷамъоварии андозу пардохтҳо 102,4 фоиз таъмин шудааст. То ҳол бақияи қарзи андоз дар вилоят зиёд буда, ба ҳолати 1-уми октябри соли ҷорӣ 171 миллион сомониро ташкил медиҳад. Бинобар ин, ба роҳбарони вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он супориш дода шуд, ки якҷо бо Вазорати молия ва Кумитаи андоз барои сари вақт ва пурра ҷамъоварӣ намудани андозҳо, кам кардани бақияпулиҳо ва роҳ надодан ба афзоиши онҳо тадбирҳои қатъӣ андешанд.

Зимни таҳлили вазъи соҳаи саноат Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки имконияту иқтидорҳои вилоят барои тараққӣ додани он, махсусан саноати коркард, ниҳоят зиёданд. Барои пурра ва самаранок истифода намудани имкониятҳои мавҷуда Президенти кишвар ташаббускорию навоварии роҳбарону масъулони вилоят, шаҳру ноҳияҳои он, вазорату идораҳои соҳавӣ ва ҳамкории судманди онҳоро бо бахши хусусӣ зарур шумориданд.

Пешвои миллат дар робита ба рушди соҳаи энергетика таваҷҷуҳи масъулини соҳаро ба омодагии ҳамаҷонибаи хатҳои интиқоли барқ ва истгоҳҳои барқӣ барои фаъолият дар давраи тирамоҳу зимистон ҷалб намуданд. Вазорати энергетика ва захираҳои об, ширкатҳои соҳа ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он вазифадор шуданд, ки камбудиву норасоиҳои дар соҳа ҷойдоштаро сари вақт бартараф созанд.

Таъкид гардид, ки дар моҳҳои январ-сентябри соли 2024 кишоварзони вилоят ба маблағи беш аз 28 миллиард сомонӣ маҳсулот истеҳсол кардаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 11,5 фоиз зиёд мебошад.

Роҳбарони шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон вазифадор шуданд, ки барои сари вақт ва беталаф ҷамъоварӣ намудани ҳосили пахта чораҳои таъхирнопазир андешида, бо назардошти имконияти мавҷуда ба хотири таъмини амнияти озуқаворӣ, дар ҳамаи фаслҳои сол бо маҳсулоти озуқаворӣ таъмин намудани бозори истеъмолӣ ва зиёд кардани содироти маҳсулот беш аз ҳарвақта кӯшиш намоянд.

Зикр карда шуд, ки вилояти Хатлон дорои иқтидори бузурги содироти меваю сабзавот, бахусус меваю сабзавоти барвақтӣ, мебошад.

Ба роҳбарияти вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он супориш дода шуд, ки доир ба истифодаи самараноки заминҳои корам, таъмин намудани афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, баланд бардоштани ҳосилнокӣ, инчунин, бунёди инфрасохтори нигоҳдорӣ, коркард, бастубанд ва содироти маҳсулот мунтазам чораҷӯйӣ намоянд.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба дастгирии давлатии соҳаҳои иҷтимоии вилоят андешаронӣ намуда, ба роҳбарони вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он вазифаҳои нав гузоштанд.

Таъкид гардид, ки бо мақсади истиқболи сазовори Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар вилояти Хатлон бунёду навсозии 6 ҳазору 260 иншооти истеҳсоливу иҷтимоӣ ба нақша гирифта шудааст, ки аз ин шумора, аллакай, беш аз 3,5 ҳазор иншоот сохта, мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шудааст. Аз ҷумла, дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ сохтмону барқарорсозии 118 иншооти ҷашнӣ ба анҷом расидааст, ки 58 фоизи нақшаро ташкил медиҳад.

Ба роҳбарияти вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он супориш дода шуд, ки корро баҳри сазовор истиқбол гирифтани Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ ва амалисозии ҳадафҳои стратегии рушд, аз ҷумла саноатикунонии босуръат ва таъмини аҳолӣ бо шуғли пурмаҳсул, боз ҳам вусъат бахшанд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳри иҷрои барномаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он вилоят, шаҳру ноҳияҳои он ва вазоратҳои дахлдор дастур доданд, ки барои ислоҳи саривақтии камбудиҳои мавҷуда дар бахшҳои маорифу тандурустӣ тадбирҳои мушаххас андешанд.

Пешвои миллат, ҳамчунин, падару модарон, устодону омӯзгорон, аҳли зиё ва фаъолонро вазифадор намуданд, ки ба тарбияи наврасону ҷавонон, яъне насли ояндасоз, диққати ҷиддӣ диҳанд ва ба онҳо барои омӯхтани илму дониш ва касбу ҳунар шароити беҳтарин муҳайё созанд.

Дар фароварди сухан Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори умед намуданд, ки мардуми ватандӯст, бонангу номус ва матинироидаи вилояти Хатлон бо заҳмати содиқонаю софдилонаи худ Ватани маҳбубамонро боз ҳам ободу пешрафта мегардонанд.

Баъд аз суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят дар нуҳ моҳи соли 2024 раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид ва роҳбарони як қатор шаҳру ноҳияҳои вилоят ба Сарвари давлат ҳисобот доданд.

**www.prezident.tj**

# ТАҶЛИЛИ РӮЗИ КОНСТИТУТСИЯ ДАР СУҒД

**Дар Қасри Арбоб бахшида ба 30-юмин солгарди Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чорабинӣ доир гардид.**




Раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода зимни паёми табрикӣ аз ҷумла иброз дошт, ки қабули Конститутсия бо роҳбарӣ ва роҳнамоии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун ҳуҷҷати сарнавиштсоз дар инкишофи давлатдории навини тоҷикон марҳилаи нави таърихиро оғоз бахшида, боиси дигаргуниҳои куллӣ дар ҳаёти сиёсии ҷомеаи мо гардид. Маҳз ба шарофати Конститутсия рукнҳои давлатдорӣ, низоми ҳуқуқии мамлакат, волоияти қонуну тартиботи ҳуқуқӣ пойдор гардида, давлати мо дар ҷодаи рушд қадамҳои боэътимод гузошт.

Дар идомаи чорабинӣ, ба як гурӯҳ кормандони сохторҳои қудратӣ, ҳифзи ҳуқуқу тартибот ва мақомоти судӣ сипосномаҳои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва туҳфаҳои арзишманд тақдим шуд.

**М. МАҚСУДОВ, «Садои мардум»**

# ТАНТАНАИ 30-СОЛАГИИ КОНСТИТУТСИЯ ДАР ХАТЛОН

**Бахшида ба 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Бохтар чорабинии тантанавӣ ва роҳпаймоии идона баргузор гардид.**




Дар роҳпаймоӣ наздики 20 ҳазор нафар кормандони ташкилоту муассисаҳо, ҷавонону варзишгарон, низомиён, кормандони ҳифзи ҳуқуқ ва устодону донишҷӯёни донишгоҳу коллеҷҳои ҳудуди вилоят иштирок намуданд.

Баъд аз роҳпаймоӣ дар кохи фарҳанги шаҳр ҷамъомади тантанавӣ баргузор гардид.

Раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид зимни паёми табрикӣ изҳор дошт, ки қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи бунёд ва рушди давлати навини тоҷикон нақши сарнавиштсоз дошта, яке аз дастовардҳои бузурги даврони соҳибистиқлолӣ мебошад. «30 сол муқаддам дар таърихи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон саҳифаи наве оғоз ёфт, ки он дар ҳаёти минбаъдаи мардуми тоҷик ва рушди давлатдории навини миллии мо нақши муассир гузошт. Бори аввал дар таърихи давлатдории тоҷикон қабули Конститутсия аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ сурат гирифта, дар он таҷрибаву андӯхтаҳои тамаддуни башарӣ таҷассуми равшан пайдо намуд ва ҳамчун ҳуҷҷати роҳнамои як давлати комилҳуқуқ аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф шуд», - афзуд раиси вилоят Давлаталӣ Саид.

Номбурда дар идома иброз дошт, ки вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар доираи меъёрҳои конститутсионӣ ва фазои орому осудаи Ватан бо саъю талоши сокинони шарафмандаш дар тамоми соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ муваффақ гардид.

**С. СУЛТОНОВ, «Садои мардум»**

# ФОРУМИ МИЛЛӢ ОИД БА ВОЛОИЯТИ ҚОНУН ДОИР ШУД

**Бо ташаббуси Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастгирии шарикони рушд дар Китобхонаи миллӣ бахшида ба 30-юмин солгарди Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Соли маърифати ҳуқуқӣ» Форуми даҳуми миллӣ оид ба волоияти қонун доир гардид.**

Форумро вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Музаффар Ашуриён ифтитоҳ намуда, изҳор дошт, ки рушди давлати ҳуқуқбунёд, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ, таъмини волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ дар мамлакат фарҳанги баланди ҳуқуқиро тақозо менамояд. Маърифати ҳуқуқӣ ба шахс низ роҳи васеъ кушода, сиёсати ҳуқуқӣ, шакли ҳуқуқӣ ва фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро ба хусусияти соҳибихтиёрӣ, демокративу ҳуқуқбунёдӣ ва иҷтимоии давлат мувофиқ пешбинӣ менамояд.

Дар форум намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти давлатӣ, вазоратҳои адлияи ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Озарбойҷон, Ӯзбекистон ва Федератсияи Россия, инчунин, созмонҳои байналмилалии муқими Тоҷикистон, доираҳои васеи илмӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ низ иштирок ва суханронӣ намуданд.



имкон медиҳад, ки аз ҳуқуқҳояш истифода карда, уҳдадориҳоро иҷро намояд ва маҳдудияти дар қонунгузорӣ муайяншударо риоя карда, оқибатҳои ҳуқуқии амалҳояшро дарк намояд.

Ба таъкиди ӯ, қобилияти шаҳрвандон оид ба истифода аз воситаҳои ҳуқуқӣ ба ташаккули ҷаҳонбинии ҳуқуқӣ ва итоат ба қонун мусоидат менамояд. Албатта, чунин шуури ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки арзиши бунёдии қонун ҳамчун падидаи зарурӣ ва самараноки иҷтимоӣ баланд бардошта шавад.

Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода иброз намуд, ки дар замони муосир яке аз нишонаҳои муҳими давлатдорӣ доштани рамзҳои муқаддас, бахусус Конститутсия мебошад, ки маҳз дар он масъалаҳои муҳимтарини давлатдорӣ ва арзишҳои эътирофнамудаи башарӣ муқаррар шудаанд. Дар баробари ин, муҳимтарин арзишҳои умумибашариро маҳз Конститутсия дар худ таҷассум менамояд, ки минбаъд дар раванди қабул ва татбиқи қонунҳо дар мадди назар қарор додани онҳо барои субъектони ваколатдори давлатӣ ҳатмӣ мебошад.

Таъкид шуд, ки Конститутсия дар баробари танзими дигар масъалаҳои муҳими давлатӣ ба ташаккул, рушд ва таҳкими низоми ҳуқуқӣ

Изҳори боварӣ шуд, ки Форуми даҳуми миллӣ оид ба волоияти қонун барои вусъат додани ҳамкории ниҳодҳои давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ минбари мувофиқест, ки ба рушд ва таҳким бахшидани қонунгузории мамлакат, таъмини ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, дарёфти роҳу усулҳои муосири инкишофи ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа ва ташкили муколамаи муштарак мусоидат менамояд.

Дар идома иштирокдорон мавзуъҳои «Рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ ва танзими ҳуқуқии он: адлияи рақамӣ ва ҳамгироии байниидоравӣ», «Волоияти қонун ва дастрасӣ ба адолати судӣ», «Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун омили пешгирии терроризм ва экстремизм: дастовард, мушкилот ва дурнамо»-ро мавриди баррасӣ қарор доданд.

**М. ЗОКИР, «Садои мардум»**




# «КОНСТИТУТСИЯ - ШОҲСУТУНИ НИЗОМИ ДАВЛАТДОРӢ»

**Бо ҳамин унвон Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки намояндагони вазорату идораҳо ва ташкилоту муассисаҳо конференсияи ҷумҳуриявӣ баргузор намуд.**

Раиси Кумитаи кор бо занон ва оила Бунафша Файзиддинзода зикр кард, ки Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол тӯли 30 соли амал баҳри бунёд ва ташаккули давлатдории миллии тоҷикон, пайвастани он бо ҷомеаи ҷаҳонӣ, ҳифзи манфиатҳои миллию давлатӣ, таъмини сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва ҳуқуқу озодиҳои инсон нақши барҷаста гузошт.

- Таъмини ҳуқуқу манфиатҳои занон дар ҷомеа, ҳуқуқ ба таҳсил ва кор, ҷалби бонувони соҳибмаърифату болаёқат ба корҳои давлатию ҷамъиятӣ, тақвияти мавқеи занон дар ҷомеа ва боз ҳам баланд бардоштани сатҳи иштироки онҳо дар фаъолияти соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи мамлакат хеле назаррасанд, - афзуд раиси кумита Бунафша Файзиддинзода.

Дар конференсия Гулбаҳор Ашурзода, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дилором Абдураҳимзода, судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маликшо Неъматзода, раиси Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва дигарон доир ба нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими давлати демократӣ андешаҳояшонро баён намуданд. Дар фарҷоми конференсия як зумра бонувони фаъоли сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ бо сипосномаҳои Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз шуданд.

**Ф. АБДУЛҲАКИМОВА, «Садои мардум»**

# «КОНСТИТУТСИЯ - ШИНОСНОМАИ МИЛЛАТУ ДАВЛАТ»

**Бо ин ном дар Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Баҳодур Искандарови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар шаҳри Хоруғ бахшида ба Рӯзи Конститутсия конференсияи илмӣ-амалӣ доир шуд.**




Раиси шаҳри Хоруғ Ризо Назарзода ҳозиринро ба ифтихори ҷашн табрик намуда иброз дошт, ки маҳз бо дастгириҳои доимии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавонистем дар таърихи навини давлатдорӣ Конститутсияи давлати соҳибистиқлолро, ки яке аз рӯйдодҳои муҳимтарини сарнавиштсоз ба ҳисоб меравад, қабул намоем. «Боиси ифтихору шодмонӣ ва сарфарозии мо - тоҷикон аст, ки имрӯз ба шарофати ваҳдату сарҷамъӣ дар фазои орому осудаи Ватани маҳбубамон 30-юмин солгарди қабули Конститутсияро таҷлил менамоем. Ба туфайли қабули он появу низом ва институтҳои давлатдорӣ тақвият ёфта, ба ҳама гуна бенизомиҳои солҳои пешин нуқта гузошта шуд ва имрӯз Конститутсия асоси рушди давлатдорӣ ва пешрафти ҷомеа аст», - тавзеҳ дод номбурда.

Дар идома маърузаҳо дар мавзуъҳои «Таърихи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Конститутсия - кафили рушди босуботи кишвар», «Конститутсия - бахтномаи миллат» ва ғайра ироа шуда, як гурӯҳ кормандони муассиса бо сипосномаҳо қадрдонӣ гардиданд.

**М. ИМОМНАЗАР, «Садои мардум»**

# ШАҲРИНАВ. РОҲПАЙМОИИ ИДОНА БА МУНОСИБАТИ 30-СОЛАГИИ КОНСТИТУТСИЯ



**Дар маркази ноҳияи Шаҳринав ба истиқболи 30-юмин солгарди Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳпаймоии идона доир шуд.**

Дар он роҳбарияти ноҳия, намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, кормандони ташкилоту муассисаҳо, ҷамоати деҳот, ҷавонону варзишгарон, дар маҷмӯъ, беш аз 5000 нафар фаъолона иштирок намуда, эҳтироми хешро ба Конститутсия ҳамчун бахтномаи миллат, нишонаи давлатдории миллӣ ва кафили истиқлолу озодӣ ба ҷой оварданд.

Роҳпаймоӣ аз се самт оғоз гардида, то майдони Парчами давлатӣ идома ёфт.

**С. НАЗАРОВ, «Садои мардум»**

ОБУНА - 2025

ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «САДОИ МАРДУМ» - НАШРИЯИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2025 ДАВОМ ДОРАД.

ТАВАССУТИ ОН «САДОИ МАРДУМ» БА ҲАР ХОНАДОНУ КОРГОҲИ КИШВАР РОҲ ЁФТА, ШУМОРО АЗ ТОЗАТАРИН ВА МУҲИМТАРИН НАВИДҲОИ ВАТАНИ АЗИЗ ВА ХОРИҶИ МАМЛАКАТ ХАБАРДОР МЕКУНАД.

НАРХИ СОЛОНАИ ОБУНА, БО ДАРНАЗАРДОШТИ АНДОЗ АЗ АРЗИШИ ИЛОВАШУДА ВА ХИЗМАТРАСОНИИ ПОЧТА, БАРОИ ЯК НУСХА 210 СОМОНӢ МУҚАРРАР ШУДААСТ.

*Суроға: 734018, шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ - 16 (ошёнаи 6). Нишонӣ ва ҳисоби бонкии рӯзномаи «Садои мардум»: с/ҳ 20202972701904102000; ҳ/м 20402972316264; БИК 350101626; РМА 030004877;*
Шуъбаи №2 КВД БА Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе. Индекси обуна: 68852. Телефонҳо барои маълумот: 238-53-71, 238-53-49, 238-54-57.

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

## ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзуи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 425833 | Муассисаи давлатии таълимии «Гимназияи №3 барои хонандагони болаёқат»-и шаҳри Душанбе | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 23 | 21.11.2024 09:00:00 |
| 2 | 425840 | Муассисаи давлатии таълимии «Гимназияи №3 барои хонандагони болаёқат»-и шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои Муассисаи давлатии таълимии «Гимназияи №3 барои хонандагони болаёқат»-и шаҳри Душанбе | Озмуни кушод | Кор | 1 | 21.11.2024 11:30:00 |
| 3 | 425826 | Муассисаи давлатии «Боғи Ғалаба» | Қисмҳои эҳтиётии мошинҳо, молҳои хоҷагидорӣ, асбобҳои дастӣ, либосҳои махсус ва пойафзол | Озмуни кушод | Мол | 43 | 29.11.2024 15:23:00 |
| 4 | 425829 | Муассисаи давлатии «Боғи Ғалаба» | Бензин, сӯзишвории дизелӣ ва гази моеъ | Озмуни кушод | Мол | 3 | 29.11.2024 15:23:10 |
| 5 | 425722 | Таваллудхонаи вилоятии шаҳри Хоруғ | Анализатори нишондиҳандаи гемостаз | Озмуни кушод | Мол | 1 | 29.11.2024 16:00:00 |
| 6 | 425830 | Беморхонаи клиникавии вилояти Суғд | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 26 | 29.11.2024 16:20:35 |
| 7 | 425831 | Раёсати масъалаҳои кӯли Сарез | Молҳои хоҷагидорӣ, канселярӣ, таҷҳизоти техникии идоравӣ, техникаи маишӣ ва қисмҳои эҳтиётии автомобилӣ | Озмуни кушод | Мол | 58 | 29.11.2024 17:20:00 |
| 8 | 425834 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи касалиҳои рӯҳӣ»-и вилояти Суғд дар шаҳри Исфара | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 21 | 02.12.2024 09:09:09 |
| 9 | 425835 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи касалиҳои рӯҳӣ»-и вилояти Суғд дар шаҳри Исфара | Техникаи маишӣ ва кати хоби металлӣ | Озмуни кушод | Мол | 5 | 02.12.2024 09:09:09 |
| 10 | 425837 | Маркази саломатии шаҳри шаҳри Ваҳдат | Таъмири ҷории дарунӣ бинои Маркази саломатии шаҳри Ваҳдат | Озмуни кушод | Кор | 1 | 02.12.2024 11:30:00 |
| 11 | 425841 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи ҷумҳуриявии клиникӣ»-и ноҳияи Данғара | Таъмири ҷорӣ дар бинои муассисаи давлатии «Беморхонаи ҷумҳуриявии клиникӣ»-и ноҳияи Данғара | Озмуни кушод | Кор | 1 | 02.12.2024 13:25:00 |
| 12 | 425844 | Корхонаи воҳиди давлатии «Бонки саноативу содиротии Тоҷикистон «Саноатсодиротбонк» | Хизматрасонӣ оид ба истеҳсоли тақвим, рӯзнома, блокнот, қалам ва комплектҳои VIP | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 02.12.2024 14:25:00 |
| 13 | 425845 | Корхонаи воҳиди давлатии «Бонки саноативу содиротии Тоҷикистон «Саноатсодиротбонк» | Таҷҳизоти барқӣ (генератор) | Озмуни кушод | Мол | 3 | 02.12.2024 14:30:00 |
| 14 | 425836 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Маводи мулоим ва пойафзоли соқбаланд | Озмуни кушод | Мол | 5 | 02.12.2024 14:45:40 |
| 15 | 425832 | Беморхонаи маркази ба номи академик К. Тоҷиеви шаҳри Конибодом | Ангишт | Озмуни кушод | Мол | 1 | 02.12.2024 16:33:33 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 29 ноябри соли 2024 музоядаи № 35-ро оид ба фурӯши воситаҳои нақлиёти қаблан дар истифодабудаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барпо менамояд

| № | Тамға | Рақами давлатӣ ё рақами бақайдгирӣ | Соли барориш ё ба истифодадиҳӣ | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | ГАЗ 3102 | 079 EE0 1 | 2005 | 6000 |
| 2 | ГАЗ 3102 | 072 EE 01 | 2005 | 6000 |
| 3 | ГАЗ 3102 | 074 EE 01 | 2005 | 6000 |
| 4 | ГАЗ 3102 | 073 EE 01 | 2005 | 6000 |
| 5 | ГАЗ 3102 | 076 EE 01 | 2005 | 6000 |
| 6 | ГАЗ 3102 | 078 EE 01 | 2003 | 6000 |
| 7 | ГАЗ 3102 | 075 EE 01 | 2005 | 6000 |
| 8 | ГАЗ 3102 | 530 XC 01 | 2005 | 6000 |
| 9 | ГАЗ 3102 | 527 XC 01 | 2005 | 6000 |
| 10 | ГАЗ 3102-311 | 537 TJ | 2005 | 6000 |
| 11 | ГАЗ 3102 | 532 XC 01 | 2005 | 6000 |
| 12 | ГАЗ 3102-311 | 531 XC 01 | 2004 | 6000 |
| 13 | ГАЗ 3102-311 | 529 TJ | 2004 | 6000 |
| 14 | ВАЗ 21104 | 837 ZA 01 | 2006 | 4000 |
| 15 | Ниссан Максима | 068 EE 01 | 2007 | 9000 |
| 16 | ЗИЛ 130 ТСВ-6 | 835 ZA 01 | 1983 | 20000 |
| 17 | УАЗ 452 | 836 ZA 01 | 1969 | 5000 |
| 18 | КамАЗ 5320 | 831 ZA 01 | 1986 | 25000 |
| 19 | ЗИЛ 130 | 832 ZA 01 | 1990 | 15000 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» ва шаҳри Хуҷанд, кӯчаи И. Сомонӣ 47/1 оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда – **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи И. Сомонӣ, 47/1 тел: 83422 4-21-83, мобилӣ 927580096.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда **соати 10⁰⁰** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе донista мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-49-87, 221-73-74** ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

## СПЕЦИАЛЬНОЕ УВЕДОМЛЕНИЕ О ВЫБОРЕ ИНЖЕНЕР-СТРОИТЕЛЬ-1

Организация: **Государственное учреждение «Группа управления проектами развития муниципальной инфраструктуры» (MID PMU)**

Проект: **Проект сельского водоснабжения и санитарии, Республика Таджикистан (ПСВС)**

Должность: **Инженер строитель-1**

Страна: **Республика Таджикистан**

Грант №: **D 4310-TJ**

Выпущено: **07 ноября 2024 г.**

**I. ВВЕДЕНИЕ**

Правительство Таджикистана обратилось во Всемирный банк с просьбой поддержать усилия правительства по решению проблем сектора и в настоящее время готовит проект по сельскому водоснабжению и санитарии. Цели развития проекта (ЦРП) - помочь Правительству Таджикистана: (i) укрепить потенциал институтов в секторе водоснабжения и санитарии и (ii) улучшить доступ к услугам водоснабжения и санитарии в отдельных регионах. Предварительные местоположения проектной территории: (i) межрайонная система водоснабжения Вахшской группы, охватывающая шесть районов Южного Хатлона (Бохтар, Вахш, Балхи, Сарбанд, Дусти, Джайхун); система водоснабжения Восейского района, расположенных в южной части Хатлонской области Таджикистана.

Проект будет реализовываться ГУП «ХМК» и Министерством энергетики и водных ресурсов (исполнительные агентства) через существующий Центр управления Проектом развития муниципальной инфраструктуры.

**II. ЦЕЛЬ**

Целью задания заключается в оказании поддержки ЦУП в выполнении услуг по надзору за строительными, монтажными, пуско-наладочными работами для систем водоснабжения в районах, охватывающих Проектом.

**III. ТРЕБУЕМЫЕ КВАЛИФИКАЦИИ**

Инженер-строитель желательно должен иметь опыт работы в реализации аналогичного проекта финансируемого Всемирным банком, Азиатским банком развития, Исламским банком, ЕС и т.д. Хорошо понимать проблемы сельской коммунальной инфраструктуры, а также хорошее знание и более 10 лет практического опыта в следующих сферах: (а) проектирование и строительство систем водоснабжения, канализации, очистки сточных вод, а также других объектов инфраструктуры; (б) управление и надзор за выполнением контрактов по строительству.

**IV. КВАЛИФИКАЦИОННЫЕ ТРЕБОВАНИЯ:**

I. Высшее образование в области гражданского строительства

II. Не менее 5 лет профессионального опыта, из которых 3 года - опыт работы в системе водоснабжения;

III. Не менее 3 лет опыта работы во Всемирном банке/других организациях-донорах в области строительстве.

IV. Хорошее знание местных требований и процедур надзора за строительными работами, а также принципы хранения соответствующей документации по ним;

V. Умение работать на персональном компьютере (Microsoft Office и понимание AutoCad).

VI. Знание таджикского и русского языков, а также английского языка (желательно).

**V. ЗАЯВИТЕЛИ ДОЛЖНЫ ПРЕДОСТАВИТЬ СЛЕДУЮЩИЕ ДОКУМЕНТЫ:**

Подписанное и датированное заявление на таджикском, русском или английском языке на имя директора проекта г-на Саидвализода А. В теме заявления укажите должность, на которую претендует заявитель, и краткое обоснование его/ее квалификации для данной должности. Подписанное и датированное резюме на таджикском, русском или английском языке. Копия диплома, трудовой книжки и других документов, подтверждающих необходимую квалификацию. Копия сертификата и рекомендаций, если таковые имеются.

Перейдите по ссылке чтобы найти подробное Техническое задание (ТЗ): **https://disk.yandex.ru/i/FplxiBlVC39XjA** чтобы найти подробное Техническое задание (ТЗ).

**Крайний срок подачи документов - 25 ноября 2024 г.**

**Документы необходимо предоставить в бумажном виде или по электронной почте по следующему адресу:**

**Республика Таджикистан**

**г. Душанбе, ул. Н. Карабаева 56, 4 этаж.**

**Электронная почта: rwssp@midp.tj.**

**На основании рассмотрения резюме, отобранные и вошедшие в шорт-лист кандидаты будут проинформированы о результатах в течение 10 рабочих дней после крайнего срока подачи заявок. Только отобранные кандидаты будут приглашены на собеседование и (если собеседование запланировано) оценены.**

**Дополнительную информацию можно получить по указанным выше контактам с 09:00 до 16:00.**

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шиносномаи техникии гумшуда, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Зарафшон-2, М.4, бинои 1, хонаи 13, ба Каримова Мавлюда Меликовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Зарафшон-2, М.4, бинои 1, хонаи 13, ба Каримова Мавлюда Меликовна додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари гумшудаи хонадорӣ, ки онро ШВКД-2 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Зарафшон-2, М.4, бинои 1, хонаи 13, ба Каримова Мавлюда Меликовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшуда барои ҳавлидорӣ бо рақами барӯйхатгирии 19276, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Ҳисор 8 апрели соли 2013 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, деҳоти Навобод, деҳаи Ситора ба Ҳикматов Бахтиёр додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, шаҳраки Мирзо Турсунзода, деҳаи Косибон, хонаи 149, ба Азизов Муминҷон Саймудинович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Карен Манн, хонаи 121 «А», ба Киромидинов Усторачаб Ёрович додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А № 0035048, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Варзоб 25 октябри соли 2016 бо суроғаи ноҳияи Варзоб, деҳоти С. Айнӣ, мавзеи Бакавул, барои истифодаи якумраи меросӣ ба Нуров Назаралӣ додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии шаҳри Турсунзода 2 сентябри соли 2015 таҳти феҳрасти 1Ш-579 бо суроғаи шаҳри Турсунзода, деҳоти Ҷ. Раҳмонов, хоҷагии А. Мирзоев, деҳаи О.Неъмонов (собиқ деҳаи Оққӯрғон) ба Тошболтаев Баҳодур Холназарович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, деҳоти Лоҳур, деҳаи Лоҳур ба Ҳалимов Зубайдулло додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари гумшудаи ҳавлидорӣ, ки онро ШВКД -2 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Испечак, хонаи 225, ба Насрединов Бахтиёр Зайнудинович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи фермаи гӯсолапарварӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, деҳоти Қиблаӣ, деҳаи Қамчин ба Зоиров Бобомурод Изатулоевич додааст, эътибор надорад.

Конститутсия - кафолати ҳуқуқи ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

Садои мардум

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Бахтовар КАРИМЗОДА

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев,*
*Далер Абдулло,*
*Ориф Ёдгоров,*
*Сайфиддин Суннатов,*
*Шариф Атобуллоев,*
*Фарзона Файзалиева,*
*Фархунда Абдулҳакимова*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ-16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238-53-56; муовин 238-54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238-58-91; муҳаррири шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238-58-93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238-52-97; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорон дар ВМКБ 93-355-51-03; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; вилояти Суғд 92-773-28-76; ШНТҶ 000-03-03-80, 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ маводе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 11 ноябри соли 2024, соати 13:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33040 нусха*

Навбатдори шумора Ш. Ҳусейнзода

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97